«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори Муассисаи давлатии таълимии

«Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи

Носири Хусрав», д.и.и., профессор

Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат

_____

_____09_____ соли 2025

ХУЛОСАИ

Муассисаи давлатии таълимии

«Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

Диссертатсияи Лайламои Худойназар дар мавзуи «Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 020500 – Филология (6D 020501 – Адабиёти тоҷик) дар кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» омода гардидааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Лайламои Худойназар докторанти кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба шумор мерафт.

Лайламои Худойназар соли 2013 Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав (ҳозира Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»)-ро аз рӯи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм намуда, соли 2019 магистратураи факултети филологияи тоҷики муассисаи номбурдаро аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик ба анҷом расонидааст. Солҳои 2020-2023 дар докторантураи доктор PhD-и ҳамин муассисаи таълимӣ аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология таҳсил намудааст.

Мавсуф аз соли 2024 омӯзгори кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Лайламои Х. дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар аз 29.09.2020, суратмаҷлиси №2 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмии Лайламои Худойназар номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик Аҳмадов Сафармад Гадомадович мебошад.

Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз таърихи 11.09.2025, таҳти №1/43 ба докторант аз рӯйи ихтисос (PhD) дар бораи супоридани имтиҳоноти маҷмуӣ маълумотномаи академӣ додааст.

Диссертатсияи Лайламои Худойназар дар мавзуи «Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар» дар ҷаласаи кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 26.09.2025, №2 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар» чунин хулоса қабул карда шуд:

Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия. Номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020501- Адабиёти тоҷик) ва муҳтавои он ба тартиби таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020501- Адабиёти тоҷик), ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, комилан мувофиқат менамояд.

Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтиҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ. Мавзуи диссертатсия ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, **мутобиқат дорад.** Ба маводи диссертатсия зимни таҳқиқу баррасии масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёти муосири тоҷик, бахусус арзишдоварии назму насри даврони Истиқлол, вазъи ҳаҷви иҷтимоӣ дар ин давра, шинохти жанрҳои адабии манзуму мансур метавон такя кард.

Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он. Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он пурра мувофиқат мекунад. Муҳтавои асосии диссертатсия дар конференсияҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои ҳамасолаи илмиву назариявии кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар шакли маърузаву гузоришҳои илмӣ мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо. Масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда дар самтҳои зерин қобили татбиқанд: хулоса ва натиҷагириҳои муаллифро метавон зимни таълифи китобу дастурҳои таълимӣ оид ба адабиёти муосири тоҷик мавриди истифода қарор дод. Аз маводи диссертатсия зимни таҳияи курсҳои махсус дар мавзуъҳои «Шеъри тоҷикии даврони Истиқлол», «Доираи адабии Вахшонзамин», «Шеъри бачагонаи тоҷик дар даврони Истиқлол» ва «Вижагиҳои мавзуӣ ва сабкии ҳаҷв дар адабиёти муосири тоҷик» метавон баҳрабардор буд. Инчунин дар раванди машғулиятҳои амалӣ ва семинарӣ вобаста ба адабиёти муосири тоҷик низ аз натиҷаҳои диссертатсия баҳраманд шудан мумкин аст.

Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷа ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми шахсии муаллиф дар гирдоварӣ ва таҳқиқи

маводи фаровони илмию адабӣ роҷеъ ба фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар ва дар ин замина бо далелҳои муътамад муайян намудани мақоми ӯ дар адабиёти тоҷикии даврони истиқлол мушаххас мешавад.

Диссертатсияи Лайламои Худойназар дар мавзуи **«Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 020500 – Филология (6D 020501 – Адабиёти тоҷик) пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D 020500 – Филология (6D 020501 – Адабиёти тоҷик) мутобиқат менамояд:

- Бандҳои 31-35-37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 9 фасл, 8 зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Диссертант вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор намудааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 3,6 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

1. Худойназар, Л. Бозтоби мавзуи “Ватан” дар шеъри Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ. - Бохтар, 2020. - №1/4 (80). – Саҳ. 45-48.

2. Худойназар, Л. Инъикоси масоили иҷтимоӣ дар шеърҳои хурдҳаҷми Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ. - Бохтар, 2021. - №1/1 (83). – Саҳ. 42-45.

3. Худойназар, Л. Жанри дубайтӣ дар осори Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ. - Бохтар, 2022. - №1/3 (101). – Саҳ. 34-36.

4. Худойназар, Л. Мундариҷаи ғоявии ашъори бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе, 2023. - №1/7. – Саҳ. 227-233.

5. Худойназар, Л. Ғаффоралӣ Сафар ва ҳавзаи адабии Хатлонзамин [Матн] / Лайламои Худойназар // "Фурӯғи илм" (Маҷаллаи байналмилалии илмӣ). – Нашрияи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2025. - №2 (06). – Саҳ. 398 - 405.

II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:

1. Худойназар, Л. Бозтоби авзои адабии Вахшонзамин дар «Мутоиботи удабо»-и Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами филология: ҳадаф ва дурнамо». – Хуҷанд, ДДХ ба номи Бобоҷон Ғафуров. – 19-уми декабри соли 2024. – Саҳ. 762-768.

2. Худойназар, Л. Баъзе хусусиятҳои шеърҳои хурдҳаҷми Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Мақоми Абурайҳони Берунӣ дар таърихи тамаддуни форс-тоҷик» бахшида ба 1050-солагии мутафаккири бузург. – Бохтар, ДДБ ба номи Носири Хусрав. – 26-27-уми майи соли 2023. – Саҳ. 399-403.

3. Худойназар, Л. Васфи Ватан дар шеъри Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии вилоятӣ дар

мавзуи «Занон ва рушди илми муосир» бахшида ба Рӯзи умумиҷаҳонии занон дар соҳаи илм. – Данғара. – 9-уми феврали соли 2022. – Саҳ. 142-146.

4. Худойназар, Л. Ҷойгоҳи жанри дубайтӣ дар осори Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар // Мактаб (маҷаллаи илмию методӣ ва маърифатӣ). – Душанбе, 2021. - №6. – Саҳ. 38-40.

5. Худойназар, Л. Бозтоби масоили ахлоқӣ дар ашъори бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар // Мактаб (маҷаллаи илмию методӣ ва маърифатӣ). – Душанбе, 2023. - №8. – Саҳ. 16-20.

6. Худойназар, Л. Суханбозӣ дар ашъори бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар // Мактаб (маҷаллаи илмию методӣ ва маърифатӣ). – Душанбе, 2024. - №1. – Саҳ. 27-30.

7. Худойназар, Л. Мавқеи жанри чистон дар эҷодиёти Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар // Мактаб (маҷаллаи илмию методӣ ва маърифатӣ). – Душанбе, 2024. - №7. – Саҳ. 21-25.

ҶАЛАСА ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Лайламои Худойназар дар мавзуи «Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 020500 – Филология (6D 020501 – Адабиёти тоҷик) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Лайламои Худойназар дар мавзуи «Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 020500 – Филология (6D 020501 – Адабиёти тоҷик) бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D. KOA-088-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» тавсия дода шавад.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси васеи кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 17 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 17 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Протоколи №2 аз 26-уми сентябри соли 2025.

Раиси ҷаласа:
доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи
адабиёти тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлати Бохтар
ба номи Носири Хусрав»: Икромов И.

Котиби ҷаласа:
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик: Маҳмадалиева М.Р.

Имзоҳои И. Икромов ва М. Маҳмадалиеваро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав: Исозода Т.И.

Нишонӣ: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53; E-mail: bqu-1978@mail.ru

«27» сентябри соли 2025